Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.**

Дар ҳифзу рушди фазои ягонаи иттилоотӣ ва фарҳангӣ, ки омили асосии амнияти иттилоотист, воситаҳои ахбори омма нақши бузург мебозанд. Аз тарафи дигар он омили мусбии суботи сиёсии Тоқикистон низ мебошад. Солҳои охир аксарият мамлакатҳои дунё кӯшиши сохтани ҷомеаи глобалии иттилоотиро доранд. Тамоюли вусъатёбии мубодилаи беҳадду марзи иттилоотӣ, рушди интернет, коркарду пахши барномаю ахбор, воситаҳои иртиботӣ, заиф шудани мавқеи рӯзномаю ҳафтанома ва маҷҷалаҳо ва густариши алоқаи моҳворавӣ, имконияти шабакаи телевизионӣ ва технологияи компютерӣ, чуноне, ки Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст: "фосилаи фазою вақт ва макону замонро кутоҳ карда, чун қосиди ҷаҳонишавӣ ба мо аз бурду бохти иқтисоду сиёсат, илму фарҳанг, техникаву технологияи муосир ва соири риштаҳои дигари фаъолияти башарият маълумот мерасонад". Дар ин ҷода қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамаи ин омилҳо метавонанд ҷавонони имрӯзаро аз мутолиаи рӯзномаву маҷҷалаҳо дур созанд. Аз ин ҷиҳат дар шароити имрузаи пешрафти ҷомеаи тоҷикистонӣ воситаҳои ахбори омма яке аз воситаҳои муҳими ташаккулёбии муносибатҳо ба шумор мераванд. Гарчанде, ки барои аксари истифодабарандагони онҳо ин асосан танҳо як

воситаи иртибот буда, барои қисми дигар, махсусан барои корбарони “пешрафта” ин на танҳо даромади арзанда, балки платформа барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад.

Вобаста ба ин зарурати омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили иҷтимоӣ – фалсафии нақши воситаҳои ахбори оммаро дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа муаллиф хеле мубрам нишон додааст. Дар ҳамин замина қайд карда мешавад, ки омӯзиши ВАО ҳамчун нерӯ ва воситаи пешбарандаи равандҳои иҷтимоии ҷомеа дар шароити тағйирпазирии усулҳои рӯзноманигорӣ, таҳлили дигаргуниҳои шакл ва усулҳои таҷассуми равандҳои сиёсӣ, муборизаи сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ, ошкор намудани хусусиятҳои ВАО муҳимияти мавзӯи мазкурро муайян намудаанд

Дар авторефрати Ятимов С.Р ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Зимни таҳқиқоти илмӣ, диссертант таҳлили иҷтимоӣ –фалсафии таъсири васоити ахбори омма ба ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи Тоҷикистонро ба амал баровярда, нақши васоити ахбори оммаро дар таҳқиқу инъикоси равандҳои итимоӣ – сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон нишон дода, воситаҳои ахбори оммаро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ – сиёсӣ нишон дода, воситаҳои ахбори оммаро ҳамчун воситаи асосии тарғиботу ташвиқот арзёбӣ намуда, нақши ВАО -ро дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрами рӯз асоснок намудааст.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия “Нақши ВАО дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” масъалаҳои асосҳои назариявии таҳқиқи ВАО дар илми муосир, таснифи ВАО ҳамчун ниҳоди

иҷтимоӣ – сиёсӣ ва хусусиятҳо ва шаклҳои раванди таҳия ва татбиқи технологияҳои тарғиботӣ дар ВАО таҳқиқу баррасӣ гардидаанд. Дар боби мазкур муаллиф қайд мекунад, ки ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ин истифодаи бомуваффақияти корҳои тарғиботию ташвиқотии ба ҳама маъруф аст, ки кайҳо боз дар дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода шудааст ва дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ ба соҳаи иҷтимоиёт ва сиёсат интиқол дода шудааст.

Дар боби дуюм "Хусусиятҳо, шаклҳо ва усулҳои таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ дар ВАО - и Ҷумҳурии Тоҷикистон" муаллиф масъалаҳои таҷассуми масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВАО ҳамчун воситаи инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ва нақши ВАО дар таъмини субот ва ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки ВАО субъекти фаъоли ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда воқеан ба яке аз воситаҳои асосии таъсирасонандаи равандҳои сиёсӣ ва захираи пурқудрати таъсири ҷамъиятӣ мебошанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамбаст карда шудааст.

Маводи нашрнамудаи муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Ятимов С.Р аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Автореферати диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок

мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Ҳангоми нишон додани фишурдаи диссертатсия дар боби 1-ум муаллифро зарур буд, ки ба паҳлуҳои иҷтимоӣ-фалсафии ВАО бештар диққат медоданд.

2. Дар зербоби сеюми боби дуюми автореферат муаллиф нақши рӯзномаи “Ҷумҳурият” баррасӣ намуда, таъсир ва ҷойгоҳи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла Интернеро нишон надодааст.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсияи Ятимов Собирҷон Рустамович дар мавзӯи “Нақши ВАО дар шароити инкишофи иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаи тоҷикистонӣ: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ” ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31-35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руи ихтисоси 09.00.11 – Фалсафаи иҷтимоӣ, сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур У.Н.Раҳматов

Имзои У.Н.Раҳматовро– ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н. А.

01. 11.2024

Суроға; Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел: (+99237) 224-72-07, (+992) 207490003
E-mail: tajagroun.tj